# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ)**

Масъалаи робитаи унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ то имрӯз ба ҳайси таҳқиқи алоҳида мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Масъалаи мазкур диққати муҳаққиқро ҷалб намуда, пажуҳиши мубрамеро ба анҷом расонидааст.

Диссертант Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович таҳқиқоти наву тозаеро дар илми забоншиносии тоҷик бо исботи далелҳои илмӣ рӯйи кор оварда, аввалин бор дар асосии маводи яке аз муътабартарин луғатномаҳои асри Х1Х робитаи унсурҳои луғавии онро бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ ба таври мушаххас нишон додааст.

Дар автореферати диссертатсия муҳаққиқ ба масъалаи алоқаи вожаҳои мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ таваҷҷуҳ намуда, дар рафти таҳқиқ кӯшиш намудааст, роҳу усулҳои боқимонии унсурҳои луғавии луғатномаи мазкурро дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ мавриди пажуҳиш қарор диҳад.

Гузориши масъала, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, аҳамияти назариявию амалии он, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ дар қисмати муқаддима асоснок карда шудааст.

Ҳаҷми рисола ба талабот ҷавобгӯ буда, аз муқаддма, се боб даҳ фасл ва феҳристи осори таҳқиқӣ иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия **«Муносибати Муҳаммад Ғиёсуддин ба унсурҳои лаҳҷавӣ»** номгузорӣ шуда, панҷ зербоброро дар бар мегирад. Дар ин боб диссертант ба масъалаҳои мансубияти маҳаллии вожаҳо ва корбурди онҳо дар лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолӣ андешаҳои худро баён намудааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Муқоисаи вожаҳои қадимии эрониасли «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ»** унвон дошта, фарогири се зерфасл мебошад. Диссертант дар ин боб маънохои қадимии вожаҳои «Ғиёс-ул-луғот»-ро бо маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ муқоиса намуда, ба чунин натиҷа расидааст, ки як қатор вожаҳои эрониасли он тағйири шакл намудаанд. Муҳаққиқ бо мақсади тақвияти андешаҳояш мисолҳои зиёдеро мавриди

таҳлилу таҳқиқ қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Вожаҳои иқтибосии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои ҷанубиву шимолии муосири тоҷикӣ»** номгузорӣ шуда, фарогири шаш зербоб мебошад. Дар ин боб вожаҳои дигари эронӣ, инчунин калимаҳои иқтибосии ҳиндӣ, арабӣ ва таҳаввулоти маъноии онҳо, унсурҳои туркии «Ғиёс-ул-луғот» бо маводи лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор дода шудаанд. Маводи фаровоне, ки дар боби сеюми рисола мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар баробари забони адабӣ, лаҳҷаҳо низ аз аносири луғавии иқтибосӣ бархурдоранд.

Дар қисмати хулоса бардоштҳо ва андешаҳои диссертант дар 32 банд нишон дода шудааст. Аз хулосаҳои пешниҳоднамудаи диссертант бармеояд, ки ҳар кадоми онҳо дорои мантиқи илмӣ буда, муҳаққиқ ба ҳадафҳои дарпешгузоштаи худ муваффақ шудааст.

Аз ҷониби муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсия 12 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақолаи дигар дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расонида шудааст, ки мавзуъ ва масъалаҳои дар онҳо баррасишуда мазмун ва мундариҷаи муҳимтарини таҳқиқро инъикос менамоянд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович ба чунин хулоса метавон омад, ки диссертант дар натиҷаи таҳқиқоти мавриди назар мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро намудааст. Таҳлилу муҳокима ва натиҷагирии муҳаққиқ дар автореферати диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат аст, вале бо вуҷуди дастовардҳои илмӣ дар он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Дар баробари дастовардҳои зиёди илмиву амалӣ, ки диссертант комёб шудааст, баъзе камбудиву норасоиҳо дар фишурдаи рисола ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нахоҳад буд:

1. Дар фишурдаи рисола, баъзан фикрҳои такрор мушоҳида мешаванд.
2. Баъзе ғалатҳои имлоию техникӣ низ дар фишурдаи рисола ба назар мерасанд.
3. Мансубияти ҷуғрофии баъзе аз вожаҳо ба ҳайси маводи фактологӣ номушаххасанд.

Ҷойи зикр аст, ки камбудию нуқсонҳои мазкур характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшаванда мебошанд ва арзиши илмии диссертатсияро намекоҳонанд.

Дар маҷмуъ, кори таҳқиқотии диссертант Раҳимов Абдулқосим Ибрагимович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии унсурҳои луғавии мовароуннаҳрии «Ғиёс-ул-луғот» бо лаҳҷаҳои муосири ҷанубиву шимолии тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқобалавӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи ғайрирасмӣ,
мудири кафедраи забони
тоҷикии факултети филологияи
тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Назаров Меҳрубон Ниёзмадович

Имзои номзади илми филология, дотсент,
Назаров Меҳрубон Ниёзмадовичро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

Нишонӣ: ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав
Тел.: (83222) 2-45-20; 2-22-53
E-mail: ktsu78@mail.ru, web-сайт: www.ktsu. edy.tj
«24» 01 с. 2023.